**СУРАТҶАЛАСАИ № 12**

аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 19-уми апрели соли 2023 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд 10 нафар.

РӮЗНОМА

1. Дар бораи иҷозат додан ба ҳимояи диссертатсияи **Рахимов Ҷамшед Хуҷамуродович** дар мавзуи **"Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ), барои муайян кардани санаи баргузории ҳимояи диссертатсия, мукарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.

**ШУНИДА ШУД:**

Гузориши раиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М. дар бораи пешниҳод гардидани хулосаи комиссияи ташхис оид ба диссертатсияи унвонҷӯ **Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович** дар мавзуи **"Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)

**БАРОМАД КАРД:**

Раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Файзиев И.Д. баромад намуда, баён дошт, ки ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи **Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович** дар мавзуи **"Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи

таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)-ро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод менамояд, ки тадқиқоти мазкур ба талаботи бандҳои 31-37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, комиссияи тахшхиси назди Шуро онро дар асоси талаботи бандҳои 53-60-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ташхис, таҳлил ва баррасӣ намуда, онро бо пешниҳоди хулосаи мусбат барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шунида, чунин қарор қабул намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович** дар мавзуи **“Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқарризи расмии аввал – Исломов Озод Азимович**, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ ва геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ-ии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобҷон Ғафуров”;

**Муқарризи расмии дуюм – Туронов Султонмурод Шарофович,** номзади илмҳои педагогӣ, ҷонишини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**.

3. Рӯйхати аъзои Шуро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- **Сабурӣ Х.М.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Файзиев И.Д.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Петрусевич А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

4. Санаи ҳимояи диссертатсия 30-юми июни соли 2023, соати 11 $^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 10 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.